## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ).**

Дар шароити рушди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии низоми маориф тарбия намудани шахсияти бомаърифат, дорои қобилияти мустақилона, аз бар намудани донишҳои назариявӣ ва маҳорати амалӣ маҳсуб меёбад.

Муҳити муосири таҳсилот омӯзгори эҷодкор ва босалоҳият, қобилияти фаъолияти фаъоли касбӣ ва иҷтимоидошта зарур аст.

Вобаста ба масъалаҳои мазкур як қатор ихтилофот доир ба омода намудани омӯзгори оянда ба кори ташаккули шавқи маърифатии хонандагон дар раванди омӯзиши математика муайян карда шудаанд.

Баъзе масъалаҳои имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ва олимони хориҷӣ омӯхтаву баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дараҷаи илмии навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотии худро ба масъалаи имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст. Таҳлилу истифодаи методҳои тадқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета, саволномаҳо, гистограмаҳо) тасдиқ менамоянд.

Қаҳорова С.Х. боварӣ дорад, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба

инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифатҳои касбӣ самарабахш хоҳанд шуд.

Қисмати аввали диссертатсия бо асосҳои назариявии психологӣ-педагогии рушди шавқи маърифатии мактаббачагон мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Қисмати дуюми кори тадқиқотиро асосан технологияи педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи математика ба рушди шавқи маърифатии хонандагон ташкил намудааст.

Аз натиҷаи омӯзиши рисола мазкур ба хулоса омодан мумкин аст, ки рисола бо иштироки бевоситаи рисоланавис дар ҳамаи давраҳои таҳқиқот, банақшагирӣ, интихоб ва асоснокии мавзӯъ, сохтани сохтори диссертатсия, муайян намудани мақсад, вазифа, объекту предмети тадқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти лозима барои мавзӯи тадқиқотӣ, ҷамъ овардан ва батартиб даровардани маводи озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои маводҳои озмоишӣ, омода намудан ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастовардашуда ва навиштани диссертатсия инъикос ёфтааст.

Аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосии навгонии илмӣ хеле хуб нишон дода шуда, дар он имкониятҳои педагогии омодагии донишҷӯёни мактабҳои олӣ ба инкишофи завқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ таҳия карда шуда, шартҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба инкишофи завқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд.

Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст ва бо мазмуну мӯҳтавои худ ба ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти

касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Боиси қайд аст, ки боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи Қаҳорова С.Х. пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва бо таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Доир ба моҳият, сифат ва мундариҷаи диссертатсияи Қаҳорова С.Х. муқарризони расмию ғайрирасмӣ, муассисаи пешбар андеша ва нуқтаи назари хешро баён мекунанд ва ба рисола баҳо медиҳанд, ва аз ин лиҳоз мехостам чанд сухан оиди сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Қаҳорова С.Х. дар ҳайси омӯзгори кафедраи математикаи олӣ ва амалии факултети математикаи МДТ «ДДХ ба номи ак. Б.Ғафуров» фаъолият бурда, дар давоми 13 соли фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак. Б.Ғафуров» Қаҳорова С.Х. ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 12 мақола дар нашрияҳои педагогӣ чоп гардиданд, ки 5 – тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ва илми Федератсияи Русия эътирофгашта нашр гардиданд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Қаҳорова С.Х. ҳамчун муҳаққиқи фаъол,

эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Дар хулоса қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи Қаҳорова С.Х. дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори мустақилонаи тахассусӣ ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» – и КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ (илмҳои педагогӣ) тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Шаропов Шавкат Аҳмадович

08.04. 2022 с.

***Маълумот барои тамос:***
*Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков – 1*
*тел.(+992)927717870. Почтаи электронӣ: Sharofzod1954@mail..ru*

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик*
*Бобоҷон Ғафуров»* *Наврузов Э.М.*